## Тақриз

Ба фишурдаи автореферати Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ -эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ -бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) пешниҳод шудааст.

Масъалаи рушди қобилияти мусиқӣ -эҷодӣ дар кӯдакони синни калон бо воситаи бозӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ яке аз масъалаҳои мухим ва мубрами педагогӣ ба шумор меравад. Инкишофи қобилияти мусиқӣ -эҷодӣ на танҳо малакаҳои эҷодиро тақвият медиҳад, балки ба рушди фикр, эҳсос ва ҳамоҳангии ҳаракатҳои кӯдакро низ мусоидат мекунад.

Инкишофи қобилияти мусиқӣ -эҷодӣ дар кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ яке аз масъалаҳои асосии педагогӣ ва психологияи кӯдакон ба ҳисоб рафта, омили пешбарандаи онҳо истифодаи бозӣ мебошад. Қобилияти мусиқӣ –эҷодӣ бо воситаи бозӣ дар баробари ба вуҷуд овардани малакаи иҷрои мусиқӣ ё эҷоди садоҳо ва ритмҳоро дарбар мегирад, балки он ба рушди фикрнамоӣ, ҳисси зебоипарастии онҳоро ташаккул дода эҷодкориро афзун мегардонад ва ҳамоҳангии ҳаракатҳои кӯдак низ таъсир мерасонад. Мусиқӣ ҳамчун воситаи тарбиявӣ ва педагогӣ метавонад муҳити эҷодиро барои кӯдак фароҳам оварад, иродаи ӯро тақвият бахшад ва малакаҳои муоширатӣ ва ҳамкориро таҳким диҳад.

Тадқиқоти муосир дар соҳаи педагогика ва психологияи кӯдак нишон медиҳанд, ки фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ дар синни томактабӣ самараи бевосита ба рушди қобилияти эҷодии кӯдак мусоидат менамояд. Фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ, ки бо усулҳои бозикунии гурӯҳӣ, фардӣ иҷрои ритм, эҷоди саҳнаҳо ва навозиши мусиқӣ ташкил карда мешавад,

кӯдаконро дар ҷустуҷӯи роҳҳои нави ифодаи ҳиссиёти худ водор мекунад ва қобилияти онҳо барои эҷод ва фикрронии эҷодӣ инкишоф дода шавад.

Дар заминаи омӯзиши назариявӣ ва таҷрибаи амалии роҳбарони мусиқӣ муайян гардид, ки дарки ритм, садоҳо, баландӣ ва ҳамоҳангии ҳаракатҳо ба таври назаррас қобилияти эҷодии кӯдакро таҳким медиҳад.

Мавзӯи тадқиқот барои илм ва амалияи педагогӣ аҳамияти калон дорад. Рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ бо воситаи бозӣ на танҳо ба эҷоди малакаҳои мусиқӣ ва эҷодӣ мусоидат мекунад, балки рушди ҳамзамони фикр, ирода ва ҳисси масъулиятро дар кӯдакон таъмин менамояд. Бо таваҷҷӯҳ ба аҳамияти омӯзиши методикаҳои мусиқӣ-бозикунӣ ва таъсири онҳо ба рушди эҷодӣ, ин тадқиқот барои роҳбарони мусиқӣ ва муассисаҳои томактабӣ воситаи илмӣ ва амалии муҳим мебошад.

Ҳамин тавр, таҳқиқи масъалаи рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ ва пешниҳоди усулҳои самараноки мусиқӣ-бозикунӣ имконият медиҳад, ки таҷрибаи педагогӣ ба сатҳи наве расад ва барои рушди ҳамзамони малакаҳои эҷодӣ ва мусиқии кӯдакон шароити мусоид фароҳам орад. Интихоби худи мавзӯъ дар масъалаи “Инкишофи қобилияти мусиқӣ -эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ –бозикунӣ” бахшида шудааст, ки ташаккули кӯдакони таҳсилоти томактабӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Дар баробари мувофиқиятҳо баъзан норасогиҳо дар автореферат мушоҳида мешавад.

-дар автореферати рисола, хатогиҳои имлоӣ мушоҳида мешавад, ки ин арзишу муҳимияти кори илмиро кам намекунад.

Автореферат рисолаи диссертатсия ба «Низомнома Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ -эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ -бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва

методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) пешниҳод шудааст.

номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳӣ ДМТ Худойқулова Қизларгуль

Имзои Қ.Худойқулова Қизларгуль.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрхо ва корҳои
махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

Маълумот барои тамос: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи.Рудаки, 17. Тел.: (+992-37) 2-27-74-41. E-mail: vestnik.